# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 6D050900 – МОЛИЯ (6D050901-МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ).

**Парвандаи аттестатсионии №______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.07.2026, №85**

Барои сазовор донистани Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 01 майи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №108 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна 25 – уми феврали соли 1990 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна докторанти кафедраи кори бонкии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба шумор мерафт.

Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна соли 2012 МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст. Соли 2014 МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", шуъбаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси менеҷмент бо касби иқтисодчӣ бомуваффақият хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз санаи 30 – юми ноябри соли 2021, протоколи №4 тасдиқ шудааст. Бинобар сабаби пеш омадани зарурати истеҳсолӣ мавзуъ ва роҳбари илмӣ тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров 12-уми декабри соли 2022 суратҷаласаи №4 иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**



Сканировано с CamScanner

Ғанизода Рустам Ғафур – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Шариф Раҳимзода** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Сарходими илмии Институти Иқтисодиёт ва демографияи АМИТ;
- **Ғаюров Ғайрат Ҳакимович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия Дустматов Б.М. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №11, аз 09.06.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон - доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Хайрулло Холназар санаи 09.06.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 21 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Қобилова Ш.Т. Таҳвили рақамӣ: назария ва усулҳои таҳлилии он // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). Бохтар. - 2022. - №1-3 (100). - С.254-258. *ISSN 2663-5534*



Сканировано с CamScanner

[2-М]. Қобилова Ш.Т. Асосҳои назариявӣ ва консептуалии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ //Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2023 - №1(64) С.160-165. ISSN-2077-4974

[3-М]. Қобилова Ш.Т. Стратегияи рушд ва нақши он дар ташаккули фаъолияти бонкҳо // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2023.- №2(65) - С.189-198. ISSN-2077-4974

[4-М]. Қобилова Ш.Т. Банақшагирии стратегӣ ва мавқеи он дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Душанбе: Сино, 2023. №8. С.162-169. ISSN-2413-5151

[5-М]. Қобилова Ш.Т. Стратегияи танзими зиддибуҳронии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). Бохтар, 2023.- №1/2(110) - С. 333-337. ISSN 2663-5534

[6-М]. Қобилова Ш.Т. Масоили таҳқиқи омилҳои таъсирбахш ба ҷараёни таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ // Маҷаллаи илмӣ-назариявии “Ахбори ДДҲБСТ” силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Хуҷанд. 2023-№3 (96) - С.69-77. ISSN 2411-1945

[7-М]. Қобилова Ш.Т. Ғафурзода Р.Ғ., Арзёбӣ ва баҳогузории стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ҶСК «Бонки Эсхата» // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2025 - №3(74) - С.150-155. ISSN 2077-4974

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Қобилова Ш.Т. Рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ дар давраи пандемияи (COVID-19) //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи “Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус COVID-19» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кӯлоб. - 2021 - С.110-113;

[9-М]. Қобилова Ш.Т. Рушди табдилдиҳии бахши бонкҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ //Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ»: - (17 декабри соли 2022, шаҳри Кӯлоб) - Душанбе: «Нашриёти муосир»-2022. 571 саҳ. - С.132-135. ISBN978-999985-52-20-4;

[10-М]. Қобилова Ш.Т. Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун асоси рушди дарозмуддат //Конфронсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар” бахшида ба эълон гардидани Солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” Донишгоҳи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. Бӯстон -2022. - С.39-43;

[11-М]. Қобилова Ш.Т. Современные тенденции развития системы регионального экономического управления в контексте цифровой глобализации // Международная научная конференция «Актуальные проблемы современных, естественных и экономических наук», Гянджинский государственный университет. - Гянджа, Азербайджан, 06-07 мая 2022 года. - С. 231-236;



Сканировано с CamScanner

[12-М]. Қобилова Ш.Т. Дурнамои рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуи маводҳои Конфронси II-юми байналмиллалӣ тахти унвони «Рушди инноватсионии илм», 13 октябри соли 2022. ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 366 с. ISBN-978-99975-69-85-5;

[13-М]. Қобилова Ш.Т. Истифодаи самараноки технологияи бонкӣ ва аҳаммияти он дар такмили хизматрасониҳои бонкӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти рақамӣ» (10-уми феврали соли 2023) – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023.- 435 с. - С.230-234 ISBN 978-99985-36-54-8. УДК: 336.15 (575.3) ББК: 65.9(2)8(2Т) М – 24;

[14-М]. Қобилова Ш.Т. Трансформатсияи рақамӣ ҳамчун тамоюли бартаридошта дар рушди бахши бонкӣ //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти рақамӣ» (10-уми феврали соли 2023) – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023.- 435 с. ISBN 978-99985-36-54-8 С.343-348 УДК: 336.15 (575.3) ББК: 65.9(2)8(2Т) М – 24;

[15-М].Қобилова Ш.Т. Рушди сектори бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти рақамӣ // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы материалы международной научно-практической конференции 2-мая Душанбе 2023 г. ISBN 978-99985-36-95-1 С.102-105. удк: 300.341.424 (575.3) ББК: 65.9(2)31(2т) и-60

[16-М].Қобилова Ш.Т. Роҳҳо ва усулҳои самараноки пешгирии хавфҳо дар низоми бонкӣ // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы материалы международной научно-практической конференции. 2-мая Душанбе, 2023 г. ISBN 978-99985-36-95-1 С.105-108 удк: 300.341.424(575.3) ББК: 65.9(2)31(2т) и-60

[17-М]. Қобилова Ш.Т. Масоили истифодабарии қарзи бонкӣ дар раванди муносибатҳои иқтисодӣ // Маводи конфронсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд» Душанбе-2024 ISBN: 978-99985-46-16-5 С.411-416. УДК: 330.534 (575.3) ББК: 65.052(1) М-12.

[18-М]. Қобилова Ш.Т., Ғанизода Р.Ғ. Муаммоҳо ва масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ //Маводи конфронсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисодӣ рақамӣ» (Душанбе, 12-марти соли 2025. С. 455-461).

[19-М]. Қобилова Ш.Т., Пулотова Ш.М., Хусусиятҳои ташаккули сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ /Маводи конфронси илмӣ - амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Идоракунии давлатии рушди индустриалӣ инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 24 октябри соли 2024) с.399-407 УДК:338,2:004 ББК65-05 М-80.

[20-М]. Қобилова Ш.Т. Таҳлили устувории молиявии низоми бонкӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисоди миллӣ //Маводи конференсияи



Сканировано с CamScanner

байналмилалии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Баландбардории саводнокӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (6.12.2025, шаҳри Кӯлоб). – 2025. УДК 336+339.7(075.8) ББК:65.88+65.9 (2-тоҷ). К-13 - С.227-231. ISBN 978-99975-0-843-0.

[21-М]. Ғанизода Р.Ғ., Қобилова Ш.Т. Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун заминаи стратегӣ барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллии кишвар //Маводи форуми байналмилалӣ дар мавзуи «Саҳми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар», бахшида ба 35-солагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, (1- уми ноябри соли 2025. С.420-424) .

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Тақриз аз Ризозода Тӯра Раббим - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Дар баъзе қисматҳои автореферат такроршавии баъзе андешаҳои назариявӣ ба мушоҳида мерасад, ки ҳаҷамии матнро каме коҳиш медиҳад.

2.Ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо истифодаи маълумотҳои оморӣ бештар то соли 2023 маҳдуд гардида, ворид намудани маълумотҳои навтар метавонист таҳқиқотро боз ҳам муосиртар намояд.

3. Дар автореферат баъзе мафҳумҳои марбут ба иқтисоди рақамӣ ва fintech бе шарҳи кофии илмӣ истифода шудаанд.

**2. Тақриз аз Бобоҷониён Д.Д. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД «ДБССТ» бо чунин эрод:**

**1.** Хуб мешуд агар муаллиф дар асоси омӯзиши асосҳои назариявии стратегияи бонкӣ, бо мақсади аёнтар тасвир намудани мафҳумҳои стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ, онҳоро дар як ҷадвали алоҳида манзур менамуд.

**3. Тақриз аз Фозилханов Д.О. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия бо чунин эрод:**

1. Беҳтар мебуд, ки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бештар ба татбиқи технологияҳои рақамӣ нигаронида мешуд.

2. Дар автореферат ҷадвалҳо ва диаграммаҳо кам оварда шудаанд, ки шояд ба муҳтавои илмии он таъсир намоянд.

**4. Тақриз аз Ғафоров Ф.М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ, муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

**1.** Хуб мешуд агар зинаҳои пайдарҳамии алгоритмро муаллиф нишон медоданд;

2. Муаллиф бояд ба таҳлили таъсири омилҳои беруна, аз қабили буҳронҳои иқтисодӣ, тағйирот дар низоми ҷаҳонии асъор, таҳримҳо ва маҳдудиятҳо ва



Сканировано с CamScanner

мухоҷирати қувваи корӣ диққати бештар диҳад. Ин омилҳо метавонанд ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат ва манфӣ расонанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.
тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **консепсияи** рушди бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун омили калидии таъмини устуворӣ ва баланд бардоштани самаранокии ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шуд. Муаллиф ин стратегияро ҳамчун низоми мукаммали ҳадафҳо, вазифаҳо ва воситаҳои идоракунӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии бонк маънидод мекунад. Дар таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ ва марҳилаҳои банақшагирии стратегӣ ба низом дароварда шуда ва такмил ёфта, самтҳои афзалиятноки он (густариши мавқеи бозорӣ, диверсификатсия ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо) асоснок карда шудаанд;

- **исбот шудааст, ки** ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди бонкҳо таҳти таъсири маҷмуи омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ қарор дорад. Ин омилҳо ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шуда, усулҳои арзёбӣ ва роҳҳои коҳиш додани таъсири манфии онҳо пешниҳод гардидаанд. Таъсири стратегия ба сифати сандуқи қарзӣ, менеҷменти бонкӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ баҳогузорӣ шуда, зарурати истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ ва технологияҳои рақамӣ муайян карда шудааст;

- **роҳҳои** назариявӣ ва амалии татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ такмил дода шудаанд. Исбот гардид, ки тақвияти стратегияи инноватсионӣ дар шароити ноустувории молиявӣ ва рақобати шиддатнок, шарти муҳими таъмини устувории молиявӣ, даромаднокӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ мебошад;

- **тавсияҳои илман асоснок** оид ба такмили механизми татбиқи стратегияи рушди бонкҳо ва таҳкими стратегияи инноватсионӣ дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод шудаанд. Нишон дода шуд, ки татбиқи стратегияи илман асоснокшуда устувории молиявӣ ва рақобатпазирии бонкҳоро дар бозори хизматрасониҳо таъмин менамояд;



Сканировано с CamScanner

- **омили мухимми** сарфаи вақт дар таҳқиқот тавассути ташаккули пойгоҳи мустаҳками назариявию иттилоотӣ дар асоси омӯзиши осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба даст омадааст. Заминаи меъёриву ҳуқуқиро қонунгузории ҶТ ва санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Пойгоҳи иттилоотӣ маълумоти омории БМТ, ташкилотҳои қарзӣ ва маводи таҳлилии институтҳои молиявии байналмилалиро бар мегирад;

- **аҳаммияти назариявии** таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки дар он асосҳои назариявию методологии ташаккули стратегияи рушди бонкҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ такмил дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада бо таҷрибаи чандсолаи илмии муаллиф тақвият ёфта, метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъда ва такмили банақшагирии стратегӣ истифода шаванд;

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси санадҳои меъёрии амалкунанда ва маълумоти омории Вазорати молия ва БМТ таҳия шудаанд. Онҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми таҳияи стратегияҳои соҳавӣ, такмили сиёсати идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми бонкӣ истифода шаванд.

- **Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

- **рисола** ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, такмили асосҳои методологии татбиқи самараноки стратегияҳои рушд ва таҳияи тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ бахшида шудааст;

- ***самтҳои*** афзалиятнок ва дурнамои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ муайян гардида, самаранокии стратегияи рушд ва асосҳои методологии банақшагирии стратегии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд;

- ***омӯхта шудаанд:*** асосҳои назариявии мафҳуми иқтисоди рақамӣ таҳқиқ гардида, нақши он ҳамчун омили муҳими таъмини рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, принсипҳо ва механизмҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ ба низом дароварда шудаанд. Исбот шудааст, ки рушди иқтисоди рақамӣ ба такмили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, густариши хизматрасониҳои рақамӣ ва таҳкими рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.



Сканировано с CamScanner

- *методикаи* умумияти илмӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, умумисозӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, моделсозӣ ва усулҳои ташхис гузаронида шуд;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои "Молия ва қарз", "Пул, қарз, бонк", "Амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ дар бонкҳо", "Фаъолияти бонкҳои амонатгузорӣ" ва ғайраҳо дар кафедраҳои кори бонкии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мавриди истифода қарор гирифтаанд (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 28.11.2025 таҳти №01/6114**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶСК "Бонки Эсхата" (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 29.05.2024 №004/590**), ҶСП "Бонки Арванд" (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 04.06.2024 №990**), мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***консепсияи*** татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар самти рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ таҳия ва асоснок карда шудааст. Муаллиф зарурати такмили нақш ва аҳаммияти инноватсияҳои бонкиро ҳамчун омили муҳими мутобиқшавии ташкилотҳои қарзӣ ба равандҳои рақамикунонӣ асоснок намудааст. Ҳамзамон, тавсияҳои амалии илмӣ асоснок оид ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

- **самтҳои асосии** ташаккул ва татбиқи **стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ** дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои идоракунӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва мутобиқсозии фаъолияти онҳо ба талаботи иқтисоди рақамӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

- ***пешниҳод шудааст*** оид ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таҳия, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок оид ба ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа ва омӯзиши асарҳои илмӣ вобаста ба стратегияҳои рушди бонкҳо, рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ, навовариҳои молиявӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ пешниҳод гардидааст. Ин назария имконият фароҳам меорад, ки самтҳои афзалиятноки рушди стратегии бонкҳои тиҷоратӣ муайян гардида, рақобатпазирӣ, устувории молиявӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои рақамӣ ва мутобиқшавии онҳо ба талаботи иқтисоди рақамӣ таъмин карда шавад, ки



Сканировано с CamScanner

дар ниҳоят ба рушди устувори низоми бонкӣ ва иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

- **Равиши** илман асоснокшудаи ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таҳия гардида, пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд: 1.Таҳияи стратегияи мукаммали рушди рақамии бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси банақшагирии дарозмуддат, муайян намудани ҳадафҳои стратегӣ, самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои рақамӣ ва такмили моделҳои идоракунии стратегӣ; 2. Рушди захираҳои инсонӣ тавассути омода намудани мутахассисони баландихтисос дар самти технологияҳои рақамӣ, такмили малакаҳои рақамии кормандони бонкҳо, инчунин густариши ҳамкорӣ бо ширкатҳои финтех, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони стратегӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ; 3. Баланд бардоштани устуворӣ ва рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ тавассути тақвияти амнияти киберӣ, такмили низоми идоракунии хавфҳои рақамӣ, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, рушди экосистемаҳои рақамии бонкӣ ва суръатбахшии раванди рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ; 4.Истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва технологӣ барои рушди инфрасохтори рақамии бонкҳо, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои рақамӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ ва таъмини рушди устувори низоми бонкии кишвар дар шароити иқтисоди рақамӣ.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои мўътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 89,61% ва 86,87% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар таҳия ва такмили асосҳои назариявию методологии ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, инчунин муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди стратегии бонкҳо саҳми назаррас гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти муқаррароти назариявӣ, корҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва таҷрибаи амалии фаъолияти бонкҳо, масъалаҳои марбут ба ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳқиқ ва асоснок карда шудаанд; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, аз ҷумла таҳияи нақшаи корҳои илмӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, арзёбии вазъи рушди рақамии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалии стратегӣ, инчунин омода ва нашри мақолаҳои илмӣ



Сканировано с CamScanner

таъмин гардида, нақши стратегияҳои рушди рақамӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирӣ, самаранокии фаъолият ва рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ асоснок карда шудааст; 4) дар омода намудани 21 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10, 10.1, 10.5, 10.10-и ва 11.8-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 10.07.2026 қарори сазовор донистани Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар иштирок доштанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): «Тарафдор» – 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**10 июли соли 2026**



Сканировано с CamScanner